**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «4» 01 соли 2021 № 1/9.и. ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Раҳматов Бахтовард Қушиевич дар мавзӯи «Масъалаҳои назариявии алоқамандии даромади аҳолӣ бо сатҳи зиндагӣ (дар мисоли маълумотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ, бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 64 ва 65 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Раҳматов Бахтовард Қушиевич рад карда шавад.

3. Баррасии такрории диссертатсияи Раҳматов Бахтовард Қушиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ баъд аз шаш моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ (суратҷаласа аз 04 ноябри соли 2020, № 6) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2020, протоколи №6.

Раис А.Розиқзода